**Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират
734026 ш.Душанбе, кӯчаи А.Навоӣ, 5/6. тел./факс 235-15-25

Аз «____» соли 2013, № _____

Вазорати меҳнат
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Ҳисобот
# дар бораи фаъолияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар семоҳаи аввали соли 2013

Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар семоҳаи аввали соли 2013 дар заминаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, қарору фармонҳои Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро ба роҳ монд.

## I. Дар самти хизматрасонии иҷтимоӣ ба аҳолӣ.

Таи давраи ҳисоботӣ дар асоси қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, фармоишҳои Вазири меҳнат ва ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират. Агентӣ бахри беҳтар намудани хизматрасонии иҷтимоӣ ба маъюбон, собиқадорони ҷангу меҳнат, бошандагони муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва дигар табақаҳои камбизоат як қатор корҳоро ба сомон расонид.

**Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоии соҳа ба 9719 нафар аз рӯи ҳамаи самтҳо хизматҳои иҷтимоӣ расонида шуданд. Аз ҷумла, дар шароити статсионарӣ 1646 нафар, дар марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ва будубоши рӯзона 1807 нафар, дар шароити хона 4773 нафар, бо аробачаҳои маъюбӣ 6 нафар, бо протезҳои пою даст, пойафзолҳои ортопедӣ, пояфзол барои протез, ортез, камарбанди чармӣ 1398 нафар, 77 нафар асо барои нобиноён, 12 нафар бо асобағал таъмин карда шуд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 8 % зиёд аст.**

Илова бар ин, ҳамарӯза шумораи зиёди шаҳрвандон ба тариқи шифоӣ муроҷиат намуда, тибқи қонунгузории самти ҳифзи иҷтимоӣ буда ва мувофиқи имкониятҳои мавҷуда қаноатманд гардонида шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ ба Агентӣ 188 адад ариза, мактуб ва дархостҳо ворид гардидаанд, ки аз онҳо 48 адад мактубҳо аз ҳукумат, корхона ва

ташкилотҳо ва 140 адад аризаҳои шаҳрвандон, аз ҷумла оиди расонидани кӯмакҳои моддӣ 68 ариза, роҳи оҳан ва имтиёзи ҳавопаймо 55 ариза ва боқӣ барои таъмин намудан бо аробачаи маъюбӣ, маснуоти ориятӣ, роҳхатҳои санаторӣ-курортӣ, ҷойгир намудани пиронсолони яккаву танҳо ва маъюбон дар хона-интернатҳо ва дигар масъалаҳои марбут ба фаъолияти Агентӣ буданд, ки саривақт баррасӣ гардидаанд.

Илова бар ин, ҳамарӯза ба Агентӣ шумораи зиёди шаҳрвандон ба тариқи шифоӣ муроҷиат намуда, тибқи қонунҳои дар самти ҳифзи иҷтимоӣ буда ва мувофиқи имкониятҳои мавҷуда қаноатманд гардонида шуданд.

**Хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши доимӣ.** Дар ин давра Агентӣ фаъолияти муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва осоишгоҳу истироҳатгоҳҳоро аз қабили ду хона-интернати беморони касалиҳои рӯҳӣ, панҷ хона-интернати пиронсолону маъюбон бо се шӯъбаи кӯдакона барои кӯдакони имконияташон маҳдуди ҷисмонию зеҳнидошта, ММТ барои кӯдакон ва наврасони "Чорбоғ", Литсей-интернати касбии махсуси маъюбон бо филиалаш дар ноҳияи Рушон, Маркази байналмилалии Балҷувон ва чор истироҳатгоҳҳои собиқадорони ҷангу меҳнат бобати расонидани хизмати иҷтимоию тиббӣ ба бошандагону истироҳаткунандагон дар сатҳи зарурӣ зери назорати доимӣ қарор дод.

Дар давраи ҳисоботӣ дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо 1646 нафар бошандагон, аз ҷумла 975 нафар мард, 671 нафар зан ва 368 нафар кӯдакон будубоши доимӣ доранд. Аз ин шумора 288 нафар маъюбони гурӯҳи якум, 546 нафар маъюбони гурӯҳи дуюм, 81 нафар маъюбони гурӯҳи сеюм (асосан хонандагони Литсей-интернат), 338 нафар маъюбон аз кӯдакӣ, 169 нафар маъюбони бистарӣ ва боқӣ нафақахӯрон мебошанд. Шумораи фавтидагон дар ин давра 16 нафарро ташкил медиҳад. Ба бошандагони муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо зиёда аз 1000 нафар кормандон хизмат мерасонанд *(ҷадвал замима мегардад)*.

Бояд қайд намуд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2012, №628 Муассисаи давлатии "Маҷмааи таълимию таҷрибавии кори иҷтимоӣ ва инноватсияҳо" таъсис дода шуд. Муассисаи мазкур фаъолияташро дар ду самт таълим ва тавонбахшӣ ба роҳ мемонад.

Айни ҳол ба муассисаи мазкур 10 нафар тренерҳо қабул шудаанд, ки ба фаъолият машғуланд.

Меъёри маводи ғизоӣ тибқи фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2013 № 51 ба ҳар як бошанда 10-12 сомониро ташкил медиҳад, ки барои бо се вақт таъмин намудани хӯроки бошандагон пурра басанда аст. Илова бар ин, дар се моҳаи якуми соли равон ба муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо аз ҳисоби вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ ва шахсони алоҳида ба маблағи **137605** сомонӣ маводи ғизоӣ, сару либос, таҷҳизот ва дигар маводҳо кӯмакҳои хайрия ворид гардидаанд.

Новобаста аз ин дар фаъолияти баъзе муассисаҳо ҳоло ҳам камбудию норасогиҳо ҷой доранд. Иҷрои фармоишҳои Вазир дар бораи меъёри маводи ғизоӣ дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳои шаҳри Турсунзода, ноҳияи

Восеъ ва Литсей-интернат беҳбудиро талаб мекунанд. Бахусус, меъёри мева мунтаззам риоя намегардад ва ё риоя шавад ҳам, аз меъёр кам дода мешавад.

Бо назардошти кӯҳнаю фарсуда ва ба талаботҳои санитарию гигиенӣ ҷавобгӯ набудани биноҳои Муассисаи давлатии “Хона – интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Ваҳдат” тибқи Фармоишҳои Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.01.2013, №3 ва аз 21.01.2013, №11 45-нафар бошандагони он ба Муассисаи давлатии “Хона – интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода” ва 20 нафар ба Хона – интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Ёвон” гузаронида шуданд.

Мавриди ба зикр аст, ки дар Шӯъбаи тавонбахшии Муассисаи давлатии “Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони “Чорбоғ” дар се моҳи соли равон 150 нафар кӯдакони эҳтиёҷманд ба тавонбахшӣ ва модаронашон ба омӯзиш фаро гирифта шуданд.

Дар фаъолияти хизматрасонии тиббии муассисаҳо шуруъ аз аввали сол истифодаи меъёри нави таъминоти маводи доруворӣ ҷорӣ гардид. Тибқи фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.01.2013, №6 меъёри хароҷоти маводи доруворӣ дар хона-интернатҳо барои кӯдакони имконияташон маҳдуд 1,05 сомонӣ, беморони касалиҳои рӯҳӣ 1,15 сомонӣ ва пиронсолону маъбон 1,10 сомонӣ ба як нафар дар як шабонарӯз дар ҳамаи муассисаҳои будубоши доимӣ муқаррар карда шуда, маблағҳои зарурӣ пешбини шуданд.

Ҳамзамон тайи давраи ҳисоботӣ дар ҳамкорӣ бо лоиҳаи Барномаи дастгирии секторалӣ дар соҳаи иҷтимоии Иттиҳоди аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои банди 12 Нақшаи татбиқи Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ лоиҳаи Консепсияи таҷдиди муассисаҳои давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода» ва Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони «Чорбоғ» таҳияи гардида бо қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2013 №5 тасдиқ карда шуд.

Мувофиқи нақшаи чорабиниҳои Консепсияи мазкур, шуруъ аз нимаи аввали соли 2013 давра ба давра амалӣ карда мешавад.

Мавриди зикр аст, ки пурра амалӣ гардидани ҳамаи намуди стандартҳо ба ҳолати биноҳои зисти бошандагон низ вобастагӣ дорад. Дар ин радиф бояд гуфт, ки бинои якуми ММТ “Чорбоғ” ва ошхонаи хона-интернати Восеъ таъмирталаб шудаанд ва барои таъмири онҳо аз ҳама имкониятҳо истифода бурдан ва андешидани чораҳои мушаххас зарур аст.

Натиҷаи санҷишҳо дар маҷлиси назоратии назди Директори Агентӣ мунтазам бо иштироки роҳбарони муассисаҳо мавриди муҳокима қарор дода мешаванд.

Агентӣ дар ин давра нақшаи чорабиниҳоро ҷиҳати дар сатҳи баланд гузаронидани Рӯзи Модар ва ҷашни байналмилалии Наврӯз таҳия намуда, тибқи он ҷадвали иштирок ва табрикоти намояндагони Вазорат ва Агентиро дар ин чорабиниҳо бо тасдиқи Вазир дастраси масъулин гардонд. Ин маросимҳо дар муассисаҳои давлатии хона-интернатҳо ва марказҳои будудбоши рӯзона дар доираи риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил гардиданд.

Оиди кишти баҳории хоҷагиҳои ёрирасони муассисаҳои давлатии ҳифзи иҷтимоӣ бошад дар 3 моҳаи аввали соли 2013 дар тавозуни хоҷагиҳои ёрирасони муассисаҳои ҳифзи иҷтимоии системаи Агентӣ 64,04 га замини кишт мавҷуд мебошад, аз ҷумла Муассисаи давлатии «Хона-интернати беморони касалиҳои рӯҳии ноҳияи Восеъ»-16,4 га, Муассисаи давлатии «Хона-интернати беморони касалиҳои руҳии ноҳияи Ҳисор»-17,98 га, Муассисаи давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбон»-и ноҳияи Ёвон»- 10,3га, Муассисаи давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода»- 2,96га,Муассисаи давлатии «Истироҳатгоҳи собиқадорони ҷангу меҳнати «Дустӣ»-и ноҳияи Қумсангир»-16,4га ва ба тариқи зайл айни замон кишти маҳсулотҳои кишоварзии зерин дар қитъаҳои замини муассисаҳо гузаронида шудааст, аз ҷумла: гандум 28,64 га, ҷав 1,22 га, помидор 0,5 га, булғорӣ 0,1 га, картошка 0,82 га, лаблабу 0,13 га, редиска 0,1 га, бақлаҷон 0,1 га, лубиё 0,5 га, нахуд 0,5га, сабзӣ 0,13га, пиёз 7,42 га, тарбуз 0,72 га, ҷуворимакка 3,28га. **Ҳамагӣ 44,16 га.**

Боқимонда 19,88 га замин шудгор гардида, барои киштукори баҳорӣ омода гардидааст.

**Хизматрасонии иҷтимоӣ дар муассисаҳои будубоши муваққатӣ .** Агентӣ мутобиқи муқаррароти санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ дар самти хизматарасониҳои иҷтимоӣ фаъолияти муассисаҳои хизматрасонии иҷтимоиро, ки ба пиронсолону маъюбони яккаву танҳо, оилаҳои дар шароити душвори зиндагӣ қарор дошта ва кӯдакони имконияташон маҳдуд хизматҳои иҷтимоӣ-маишӣ, иҷтимоӣ-равонӣ, тавонбахшии ҷисмонӣ, тиббӣ, фарҳангӣ-фароғатӣ ва роҳбаладӣ менамоянд, ба низом медарорад.

Тавре, ки маълум аст, имрӯз дар радифиислоҳоти соҳаи ҳифзи иҷтимоии мамлакат, ташаккули шабакаҳои нави хизматрасонии иҷтимоӣ, хеле масъалаи муҳим мебошад. Аз ин рӯ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 2012, №724 тартиб ва ҳаҷми пешниҳод намудани хизматрасониҳои ройгони иҷтимоӣ тасдиқ гардиданд, ки имконият медиҳад сатҳи сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ беҳтар гарданд. Ҷиҳати иҷроиши он фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расид. Тибқи ин фармоиш нақшаи озмоиши таснифот дар муҳлатҳои наздиктарин тартиб дода хоҳад шуд.

Яке аз шаклҳои пазируфташуда дар самти хизматрасониҳои иҷтимоӣ, пешниҳод намудани хизмат дар хона, дар муҳите, ки эҳтиёҷманд одат кардааст, мебошад. Мақсад аз пешниҳоди ин шакли хизматрасонӣ ба пиронсолон ва маъюбоне, ки ба худ пурра ё қисман хизмат расонида наметавонанд, дастгирии ҳаёти сазовору хушу хуррамона, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва бо роҳи омӯзиш ба даст овардани фаъолияти мустақилона мебошад. Ҷиҳати пешниҳоди ин навъи хизматрасонӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ҳоло 38 адад шуъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолият доранд, ки ба 4773 нафар ниёзмандон ва оилаҳои дар ҳолати душвори зиндагӣ қарордошта зиёда аз 20 намуди хизматҳои иҷтимоӣ, инчунин равонӣ, ҳуқуқӣ, маслиҳатӣ, намояндагӣ ва роҳнамоӣ мерасонанд. Фаъолияти ин шуъбаҳо доимо таҳти назорат қарор дошта аз тарафи мутахассисони шуъба пайваста санҷида баромада шуда,

барои беҳтар гардонидани хизматрасониҳо ба муштариён ва кормандон тавсия дода мешавад.

Мувофиқи тавсияи мутахассисони шуъба кори шӯъбаҳои болозикр соли равон андаке беҳтар роҳандозӣ гардида, муносибати кормандони иҷтимоӣ нисбати адои вазифаашон ба таври мусбат дигар карда шудааст.

Аз ҷумла, шуъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар хонаи ноҳияи Шаҳритуз фаъолияташро мувофиқ ба санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба роҳ монда, сатҳу сифати хизматрасониҳоро хеле беҳтар намудааст. Ба ҳар корманди иҷтимоӣ истифодабарандагони хизмат тибқи меъёри муқарраргардида вобаст шуда, рӯзномаҳои корӣ кушода шудаанд.

Мутаассифона, бо вуҷуди он ки ба сардори шӯъба дар ноҳияи Қубодиён тавсияҳо дода шуда бошанд ҳам, кор мисли пештара ҷараён дорад. Онҳо аз камбудиҳои ҷойдошта, аз қабили набудани парвандаи истифодабарандагони хизмат парванда бо ҳуҷҷатҳои лозимӣ, асосан дар вазифаи корманди иҷтимоӣ фаъолият намудани мардҳо, ки корҳои шустушӯйро наметавонанд, ҳанӯз хулосаи даркорӣ набаровардаанд.

Ҷиҳати баланд бардоштани тахассуси кормандони иҷтимоӣ чораҳои мушаххас амалӣ гардонида шуда истодаанд. Масалан, дар семоҳа 4 нафар кормандони иҷтимоии шӯъбаи дар ноҳияи Ҷ. Румӣ фаъолиятдошта барои таҷрибаомӯзи ба Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони "Чорбоғ" сафарбар карда шуданд. Дар нақша ҳаст, ки таҷрибаомӯзии кормандони иҷтимоӣ минбаъд низ дар ин муассиса давом дода шавад. Ин имконият медиҳад, ки шуъбаҳо на танҳо ба пиронсолону маъюбон, инчунин ба кӯдакони имконияташон маҳдуд, ки ниёз ба офиятбахшӣ доранд низ дар хонаҳояшон хизматҳои тавонбахшӣ расонанд.

Ҷиҳати расонидани хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолони яккаву танҳо, одамони ғайри қобили меҳнат, кӯдакони имконияташон маҳдуд ва шахсони дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта дар шаҳру ноҳияҳо **16** адад Марказҳои минтақавии хизматрасонии иҷтимоӣ ва будубоши рӯзона амал менамоянд, ки ҷамъ **429** нафар кормандони маъмурию иҷтимоии ин муассисаҳо давоми семоҳаи аввал ба **1807** нафар муштариён хизматҳои иҷтимоӣ-маишӣ, иҷтимоӣ-тиббӣ, равонӣ, машваратӣ, ҳуқуқӣ, маърифатӣ, миёнаравӣ-намояндагӣ мерасонанд. Даҳ адади ин марказҳо аз тарафи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ва шаш адади он аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Аз ҷумла, барои тавонбахшии кӯдакони имконияташон маҳдуд, ки ба роҳбаладӣ ва тавонбахшии иҷтимоию тиббӣ ниёз доранд, тахти сарпарастии Агентӣ шаш адад марказҳои будубоши рӯзона фаъолият менамоянд, ки давоми семоҳа ба 520 нафар кӯдакони эҳтиёҷманд чорабиниҳои офиятбахшии иҷтимоӣ, солимгардонии ҷисмонӣ, равонӣ ва ҳампайвандӣ бо ҷомеъа гузаронида, онҳоро бо ғизои гарми мувозишуда таъмин намуданд. Бояд қайд намуд, ки соли равон, тибқи тендери хариди хизматрасониҳои иҷтимоӣ, маркази «Манбаъи меҳр» дар шаҳри Хуҷанд, ки самти фаъолияташ ба дахолати тавонбахшии барвақтии кӯдакони имконияташон маҳдуд равона шудааст, аз ҷониби Агентӣ маблағгузорӣ карда шуд.

Бояд ёдовар шуд, ки ҳар як кӯдак новобаста аз маҳдудият ва вайроншавии фаъолияти ҷисмонияш имконияти инкишоф додани ҷисму рӯҳ ва малакаҳои гуногуни ҳаётиро дорад. Аз ин рӯ, кӯдакон дар марказҳо дар шароити муносиб ва бехатари будубош қарор дошта, ба пешрафти ҷисмониву малакаҳои мавзуни ҳаракат, зеҳниву рафтор, муошират ноил мегарданд. Дар онҳо ҳиссиёти худшиносӣ ва худэҳтиромӣ, ҳампайвандӣ бо ҷомеъа ба вуҷуд меояд. Кӯдакон дар доираи имкониятašон ба худ хизмат расонида, ба зиндагии дар ҷомеъа омода мешаванд. Мавриди зикр аст, ки дар Маркази «Парасту»-и шаҳри Кӯлоб ва Маркази «Ситора»-и ноҳия Восеъ наврасони имконияташон маҳдуд ба таълими касбҳои дӯзандагӣ, кӯҳнадӯзӣ ва кор бо компютер ҷалб шудаанд ва ин малакаҳоро ба хубӣ аз худ намуда истодаанд.

Таҳлилҳои солҳои қаблӣ нишон медиҳанд, ки тарзу усули корбарӣ дар ин марказҳо натиҷабахш буда, аксарияти кӯдакон ба пешрафти зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва равонӣ ноил мегарданд.

Маврид ба ёдоварист, ки мисли соли қаблӣ бо вуҷуди он, ки дар марказҳо мутахассисон фаъолият дошта бошанд ҳам, аммо шумораашон кофӣ нест. Махсусан, мутахассисон аз рӯи ихтисосҳои логопед ва сурдолог на дар ҳама марказҳо мерасанд. Ивазшавии мутахассисон низ мушоҳида мегардад. Сабаби асосии аз кор рафтани мутахассисон ин кам будани музди маош мебошад.

Дар Марказҳои минтақавии барои хизматрасонии иҷтимоии пиронсолон ва маъюбон пешбинишуда эҳтиёҷмандоне, ки ҷои зисти доимӣ надоранд, муваққатан ба мӯҳлати аз 3 то 6 моҳ бо ҷои зист ва хӯроки гарм таъмин карда мешаванд. Ҳоло дар Марказҳои минтақавӣ барои пиронсолон ва маъюбон 101 нафар эҳтиёҷмандон ба таври доимӣ умр ба сар бурда, се маротиба бо хӯроки гарм таъмин карда мешаванд. Ба онҳо хизматҳои беҳдоштӣ ва тамизӣ низ расонида мешавад. Дар назди қисме аз ин марказҳо шӯъбаҳои хизматрасонии иҷтимоӣ дар хона амал намуда, ба 1086 нафар эҳтиёҷмандон бевосита дар хонаҳояшон хизмати иҷтимоӣ мерасонанд.

Мақсад аз пешниҳоди хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолону маъюбон аз он иборат аст, ки осуда ҳаёт ба сар бурда, бо усули роҳбаладии иҷтимоӣ ва агар зарур шавад бо тавонбахшии тиббиву иҷтимоӣ ба ҳаёт дар ҷомеъа мутобиқ шаванд. Ҳодисаҳое низ мушоҳида мегарданд, ки баъзе эҳтиёҷмандон муддатҳои тӯлонӣ дар ин марказҳо зиндагӣ доранд, ки хилофи қоидаҳои муқарраргардида мебошад.

**Кӯмакҳои иҷтимоӣ**

Агентӣ дар ин давра ҷиҳати таъмини кӯмакҳои иҷтимоӣ мутобиқи меъёрҳои муқарраргардида дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ба иштирокчиёну маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, маъюбон, табақаҳои камбизоати аҳолӣ, оилаҳои дар ҳолати душвори зиндагӣ қарор дошта як қатор корҳоро амалӣ намуд. Барои аз нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан ба таври ройгон истифода намудан аз номи имтиёздорон 54 дархост ворид гардид. Тибқи меъёрҳои муқарраргардида мактубҳо омода шуда, ба муассисаҳои дахлдор, аз қабили Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳан»- и Тоҷикистон ва ба Корхонаи воҳиди давлатии ҳавопаймои «Тоҷик Эйр» мактуб ирсол карда шуд. Ҷиҳати татбиқи Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2010, №586 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон» интишор гардида буд, ки он давоми солҳои 2011-2012 амалӣ гардонида шуд. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 ноябри соли 2012, №661 «Дар бораи идомаи татбиқи механизми таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат» ба тасвиб расид, ки тибқи ин қарор низоми таҷрибавии кӯмаки унвонии иҷтимоӣ аз аввали соли ҷорӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Истаравшан, Қӯрғонтеппа, Норак ва ноҳияҳои Фархор, Ёвон, Ҳисор, Файзобод, Шуғнон, Айнӣ ворид шуд. Вобаста ба иҷрои қарори болозикр фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012, № 164 “Дар бораи таъсиси Гурӯҳи корӣ барои ба роҳ мондани корҳои таблиғотӣ ва фаҳмондаҳӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми кӯмаки унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳо ва шаҳрвандони камбизоат дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ” ба тасвиб расид. Кормандони бахш ба Гурӯҳи корӣ шомил буда, барои ба роҳ мондани корҳои таблиғотӣ ва фаҳмондадиҳӣ дар шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ сафари хизматӣ намуданд. Гуруҳи корӣ бланкаҳои ҳуҷҷатҳои заруриро аз ҷумлаи ариза, маълумотнома дар бораи ҳайати оилаи камбизоат, маълумот дар бораи даромад ва амволи ҳамаи аъзои оила, қарор оид ба таъин намудан (рад кардани) кӯмаки унвонии иҷтимоӣ, огоҳинома дар бораи натиҷаҳои омӯзиши ҳуҷҷатҳои таъини кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ, огоҳинома ба гирандагони кӯмаки унвонии иҷтимоӣ, китобҳои бақайдгирии муроҷиаткунандагон аз рӯи тақсимоти ин ҳуҷҷатҳо дастраси ҳамаи шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ гардонид.

Бояд қайд намуд, ки ҳамаи шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ бо компютер ва таҷҳизоти он таъмин ва бо шабакаи интернет пайваст карда шуда, айни замон шахсони масъул ба махзани ягона маълумот ворид карда истодаанд. Қабули аризаҳои шаҳрвандон аз ҷониби ҷамоату маҳаллаҳо идома дошта, давраи ҳисоботӣ аз ҷамоатҳо ба Раёсат ва шуъбаҳои Агентӣ 23081 аризаҳои шаҳрвандон ворид гардидааст. Ба махзани маълумоти ягона аз ҷониби шахсони масъули шаҳру ноҳияҳои таҷрибавӣ 9617 ариза ворид карда шудааст.

Ҳамзамон, қайд намудан зарур аст, ки Раёсатҳои Агентӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон дархост намудаанд, ки ба онҳо таҷҳизот аз қабили: мизу курсӣ, ҷевонҳои китоб ва генератор дастрас гардонида шавад.

Айни замон ба шахсоне, ки дар соли 2012 барои гирифтани кумаки унвонӣ муроҷиат намуда буданд, дар шаҳри Истаравшан ба 2019 нафар ва дар ноҳияи Ёвон ба 1474 нафар кӯмакпулӣ ба маблағи 349300 сомонӣ тайин гардидааст.

Ҷиҳати таъмин намудани иштирокчиён ва маъюбони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маъюбони Армияи Шӯравӣ, ҷанговарони башардӯст, иштирокчиёни барҳам додани оқибатҳои садамаи Нерӯгоҳи барқӣ – атомии Чернобил, пиронсолону маъюбон ва бошандагони хона -интернатҳои зертобеи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират бо дасту пойҳои сӯнъӣ, ортезҳо, пойафзолҳои махсуси ортопедӣ, камарбанд, ғуддаи сина, асо, асобағал, аробачаи маъюбӣ муассисаи зертобеъи Агентӣ корхонаи воҳиди давлатии «Заводҳои протезию ортопедии шаҳри Душанбе» бо филиалҳояш дар шаҳрҳои Кӯлоб, Хоруғ ва Хуҷанд фаъолият менамояд. Муддати семоҳи

сипаригашта шахсони эҳтиёҷманд бо протезҳои пою даст, пойафзолҳои ортопедӣ, аробачаҳои маъюбӣ, асо ва асобағал таъмин карда шуданд.

Ҷиҳати таъмини маъюбон бо воситаҳои техникии ҳаракат давоми семоҳа дархости 960 нафар шахсони имконияташон маҳдуд, ки ба аробачаи маъюбонӣ эҳтиёҷ дошта дар ин бора маълумотномаи ХДТТИ доранд ба қайд гири фта шуд. Ҷадвали тақсимоти аробачаҳои маъюбӣ дар ҷумҳурӣ барои соли 2013 таҳия гардида, аз ҷониби Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуда, барои иҷро ба «Заводҳои протезию ортопедии шаҳри Душанбе» пешниҳод карда шуд. Дар асоси Дастуруламал оид ба тартиб ва тақсимоти воситаҳои техникӣ- ҳаракат дар семоҳаи якуми соли 2013-ум ба маъюбони ҷумҳурӣ 6 адад аробачаи маъюбӣ, 77 адад асо, ва 12 ҷуфт асобағал бо тариқи фардӣ дода шуд.

Доираи таъминкунии маъюбон бо маҳсулоти протезию ортопедӣ дар семоҳаи якуми соли 2013-ум 1636 нафарро ташкил медиҳад.

Корхона нақшаи истеҳсолиашро дар якҷоягӣ бо филиалҳояш дар семоҳаи якуми соли 2013-ум 101 фоиз иҷро намуда, ба маблағи 502194-00 сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардааст.

Маҳсулоти тайёри корхона то охири ҳар моҳ ба воситаи варақаи нишондиҳандаи маъюб ба маъюбон дода мешавад, ба маъюбоне, ки дар маҳалҳои дур зиндагӣ мекунанд, супоришҳояшон тавассути шуъбаҳои алоқа фиристода мешавад.

Бояд афзуд, ки барои таъмири аробачаҳои маъюбӣ ва таъмини эҳтиёҷмандон бо масноути кафолатнок корхонаи номбурда бояд бо дастгоҳ ва асбобу анҷоми таъмиркунӣ ва технологияи нави замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шавад.

Дар ҳамкорӣ бо Кумитаи Байналхалқии Салиби Сурх озмуни довталабон барои таҳсил дар Маркази таълимии технологияи ортопедии шаҳри Ханой (Ветнам) аз рӯи ихтисосҳои протезгар ва ортопед эълон дода шуд. Муҳлати таҳсил 1,5 буда, пардохти хароҷот аз ҳисоби фонди махсуси маъюбони Кумитаи Байналхалқии Салиби Сурх сурат мегирад.

**Бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

Танзими масъалаҳои бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба ҳайси афзалиятҳои муайяншуда дар ҳуҷҷатҳои барномавии стратегии Тоҷикистон – Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола пайваста мадди назари роҳбарияти давлат ва вазорат қарор доранд.

Дар пайваст ба ҳамин раёсат ҷиҳати ташаккули раванди мусоидат ба шуғли аҳолӣ қабл аз ҳама дар таҳкими заминаи меъёрии ҳукукии соҳа ва татбиқи шаклу услубҳои муосир ва ҷадиди хизматрасониҳо ба аҳолӣ пайваста тадбирҳоро амалӣ намуда истодааст.

Аз ҷумла дар давраи ҳисоботӣ бо ташаббуси бевоситаи Агентӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005, №93» таҳия гардид, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013,

№106 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005, №93» тасдиқ гардид.

Дар хамин замина инчунин Фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2013, №57 «Дар бораи тадбирҳои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, №106 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005, №93» ва Фармоиши директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират аз 19 марти соли 2013, №19 «Дар бораи иҷрои Фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2013, №57 «Дар бораи тадбирҳои иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, №106 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005, №93» ба тасвиб расиданд.

Илова ба ин, дар давраи мадди назар дар заминаи сафарҳои кории Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор нақшаи чорабиниҳо таҳия гардиданд, ки бевосита дар татбиқи босамари хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ нақши муҳим доранд.

Аз ҷумла давоми семоҳаи якуми соли 2013 Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳои Суғду Хатлон ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои супоришҳои Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 январи соли 2013 ба имзо расиданд ва мавриди амал қарор доранд.

Инчунин дар ҳамин давра созишномаҳои ҳамкорӣ миёни Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Иттифоқи Тоҷикматлуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2013, №54 «Дар бораи татбиқи Созишномаи ҳамкорӣ аз 8 январи соли 2013») низ ба имзо расиданд, ки барои тақвияти фаъолият дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ имконияти хуб фароҳам меоранд.

Дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 32235 нафар шаҳрвандон мурочиат намуданд, ки 18571 нафари онҳо ҳамчун бекор ба қайд гирифта шуда, ба 13178 нафар расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути татбиқи чорабиниҳои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар маҷмӯъ 8400 нафар шаҳрвандон бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд. Аз ҷумла, ба воситаи ҷойҳои кории бандшуда (квотаҳо) 683 нафар ва тавассути ташкили корҳои фардӣ 705 нафар соҳиби ҷойи кор шуданд. Дар асоси шартномаҳои тарафайн бо корхонаву ташкилотҳо 1440 нафар ба корҳои ҷамъиятӣ ва 5175 нафар аз ҳисоби маблағҳои буҷети барнома дар марказҳои таълими касбии мақомоти шуғли аҳолӣ ба омӯзиши касбӣ фаро гирифта шуданд. Ба 1865 нафар бинобар аз даст додани ҷойи кор ба муддати то 3 моҳ кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохт гардид. Аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар ҷумҳурӣ дар ин муддат 51310 ҷойҳои кории нав таъсис дода шудааст. Бо мақсади мусоидат барои дарёфти ҷойи кори муносиб ба шаҳрвандон аз ҷониби мақомоти шуғли аҳолӣ дар ин давра 149 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод гузаронида шуда, 1134 нафар корҷӯён дар ин ярмаркаҳо соҳиби ҷойи кор гардиданд, ба

1093 нафар роҳхат барои касбомӯзӣ дода шуд ва 306 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок сафарбар гардиданд. Бевосита тавассути ташкил ва баргузории ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ 2533 нафар шаҳрвандони бекор ва корҷӯён ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд (маълумот замима мегардад).

Ҳамин тавр, дар заминаи тадбирҳои амалишуда муяссар гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ иҷрои чорабиниҳои барнома дар маҷмӯъ ба андозаи 27,3 фоиз таъмин карда шавад.

**Вазъи феълии шуғлнокӣ.** Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол аз рӯи баҳои пешакӣ, дар моҳи январи соли 2013-ум 2223,6 ҳазор нафарро ташкил намуд, ки аз ҷумлаи онҳо 2171,0 ҳазор нафар (97,6 фоиз) дар соҳаҳои иқтисодиёт машғуланд ва 52,6 ҳазор нафар расман мақоми бекорӣ доранд, ки 2,4 фоизи аҳолии дар иқтисодиёт фаъолро ташкил медиҳад.

Шумораи аҳолии машғули кор дар муқоиса ба январ-декабри соли 2012 аз 2118,9 ҳазор нафар то 2171,0 ҳазор нафар афзудааст, ки афзоиш 52,1 ҳазор нафар ё ба 2,4 фоиз рост меояд.

Аз шумораи умумии аҳолии машғули кор теъдоди кироякорон дар корхонаҳои ҳамаи шаклҳои моликият дар моҳи январи соли 2013-ум 1022,6 ҳазор нафар ё 47,1 фоизи шумораи умумии аҳолии машғули корро ташкил дод.

Шумораи кормандони кироя дар намудҳои фаъолияти иқтисодии бахши воқеӣ 593,7 ҳазор нафар ва намудҳои фаъолияти иқтисодии бахши хизматрасонӣ бошад 428,9 ҳазор нафарро ташкил намуд. Теъдоди кормандони кироя тибқи сохтори соҳавии шуғл дар соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ 47,2 фоиз, маориф 18,8 фоиз, тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ 8,6 фоиз, саноати коркард 5,7 фоиз, мақомоти давлатӣ ва мудофиа, суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ 3,5 фоиз, хизматҳои коммуналӣ, иҷтимоӣ ва шахсӣ 3,2 фоиз, нақлиёт, хоҷагии анбор ва алоқа 2,5 фоиз, сохтмон 2,1 фоиз, савдо ва таъмир 1,9 фоиз, нерӯи барқ, газ ва таъминоти об 1,8 фоиз, молия 1,8 фоиз, амалиётҳо бо амволи ғайриманқул, иҷора ва фаъолияти тиҷоратӣ 1,3 фоиз, саноати коркарди маъданҳои кӯҳӣ 1,2 фоиз ва дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ 0,5 фоизро ташкил дод.

Дар миқёси ҷумҳурӣ бошад, теъдоди кормандони кироя дар ВМКБ 19,1 ҳазор нафар, вилояти Хатлон 379,1, Суғд 383,8, шаҳри Душанбе 134,8 ва шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ 105,8 ҳазор нафарро ташкил намуд.

Дар моҳи январи соли 2013 дар ташкилоту муассисаҳои ҷумҳурӣ дар асоси қарордоду шартномаҳои хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта 27,9 ҳазор нафар шаҳрвандон кор карданд, ки ин теъдод 2,7 фоизро аз шумораи ҷойҳои кори ишғолшуда ташкил медиҳад.

Шумораи кормандоне, ки дар шароити дуҷоякорӣ ва бо қарордоди хусусияти шаҳрвандию ҳуқуқидошта дар соҳаҳои иқтисод кор кардаанд дар бахши хизматрасонӣ 23801 нафар ва дар бахши воқеӣ 4049 нафарро ташкил намуд, ки мутаносибан 5,5 ва 0,7 фоизро нисбат ба шумораи ҷойҳои кори ишғолшуда ташкил медиҳад.

**Таъсиси ҷойҳои нави корӣ.** Тибқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013 дар миқёси ҷумҳурӣ бояд 124994 ҷойҳои корӣ

таъсис дода шаванд. Дар семоҳаи аввали соли 2013 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 51310 ҷойҳои корӣ таъсис дода шуд, ки 41,0 фоизи нақшаи пешгӯии Барномаро ташкил медиҳад. Аз ҷумла дар ВМКБ- 1356 ҷой, вилояти Хатлон – 21121, Суғд – 15496, шаҳри Душанбе – 6932, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 6405 ҷойҳои нави кори таъсис дода шудааст.

Вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёт дар давраи ҳисоботӣ дар соҳаи сохтмон - 7646, саноат - 2394, кишоварзӣ -15043, нақлиёт ва алоқа - 1108, савдо, хӯроки умумӣ, таъминоти моддию техникӣ -18457, дигар соҳаҳо – 5251 ва соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ 1411 ҷойҳои корӣ таъсис ёфтаанд.

Таъсиси ҷойҳои кории нав дар ташкилоту корхонаҳо вобаста ба шакли моликият ва идоракунӣ чунин аст: дар корхонаю ташкилотҳои бахши давлатӣ - 3481 ҷойҳои кории нав (6,8%), бахши коллективӣ - 6617 (12,9%), дар корхонаю ташкилотҳо бо шаклҳои гуногуни моликият - 7962 (15,5%) ва дар сектори хусусӣ - 33250 (64,8%) ҷойҳои кории нав таъсис дода шудаанд.

Таҳлили сохтори ташкилии таъсиси ҷойҳои нави кори аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аксари ҷойҳои корӣ (64,8%) дар бахши хусусӣ таъсис дода шудаанд. Ин раванд дар навбати худ далел бар он аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳким ва густариши заминаҳои қонунгузорӣ дар самти мусоидат ба рушди соҳибкории хурду миёна дар ҷумҳурӣ пайваста талош дорад.

Эълом доштани манъи санҷиш ва тафтишоти гуногуни соҳибкорон аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ, роҳандозӣ намудани принсипи “равзанаи ягона” дар ташкил ва бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ гувоҳи равшани гуфтаҳои болост.

Ҳамзамон қайд намудан зарур аст, ки масъалаи хеле муҳим дар ин росто муайянсозии хусусияти ҷойҳои кори таъсисшаванда мебошад. Бо ин мақсад бо қарори Ҳайати мушовараи Вазорат аз 23 феврали соли 2012, №5 “Дар бораи тасдиқ намудани шаклҳои ҳисоботи соҳавии омории шуғли аҳолӣ” дар пешниҳоди маълумот оид ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ тағйирот ворид карда шуд. Мутобиқи ҷамъбасти шакли нави ҳисобот аз ҷойҳои кории дар давраи ҳисоботӣ таъсисдодашуда 46,2 фоиз ҷойҳои кории доимӣ, 30,8 фоиз ҷойҳои кории муваққатӣ ва 22,9 фоиз ҷойҳои кории мавсимӣ мебошанд.

**Миёнаравӣ дар бозори меҳнат ва мусоидат ба шуғли аҳолӣ.**

Тайи давраи ҳисоботӣ дар маҷмӯъ ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 32235 нафар шаҳрвандон муроҷиат намуданд.

Аз шумораи муроҷиатнамудагон 18571 нафар ҳамчун корҷуй ба қайд гирифта шуда, ба 13178 нафари онҳо расман мақоми бекорӣ дода шуд. Тавассути мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ тайи давраи ҳисоботӣ 8400 нафар бо ҷойи кор таъмин гардиданд, ки ин нишондиҳанда 26,1 фоизи нақшаи солонаи барномаро ташкил медиҳад.

Тибқи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ давоми семоҳаи аввали соли ҷорӣ 683 нафар шаҳрвандони ба ҳимояи махсуси иҷтимоӣ ниёздошта бо ҷойҳои кории аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бандшуда (квота) бо кор таъмин гардиданд, ки ин ба 27,8 фоизи нақшаи солонаи барнома баробар аст.

Дар фаъолияти мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ташкил ва гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ба ҳайси яке аз чорабиниҳои фаъоли мусоидат ба шуғл нақши муҳим дорад.

Аз ин хотир, аз оғози соли ҷорӣ Нақшаи чорабиниҳо оид ба гузаронидани ярмаркаҳои соҳавӣ ва минтақавии ҷойҳои кории холӣ аз ҷониби Агентӣ таҳия ва мавриди амал қарор дода шуд.

Мувофиқи нақшаи болозикр аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар вилоят, шаҳр ва ноҳияҳо 149 ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ гузаронида шуд. Аз ҷумла, дар ВМКБ 6 ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ, вилояти Суғд 65, вилояти Хатлон 57, шаҳри Душанбе 3 ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 18 чунин чорабиниҳо ташкил ва баргузор гардиданд. Дар ин ярмаркаҳо 1780 корхонаю муассисаҳо иштирок намуда, ба корҷӯён 29731 ҷойҳои кории холиро пешниҳод намуданд. Дар натиҷаи баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ 1414 нафар шаҳрвандон ба ҷои кор роҳхат гирифта, аз ин шумора 1134 нафар (80,2%) бо ҷойҳои корӣ таъмин гардиданд. Дар баробари ин, тавассути ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ 1093 нафар шаҳрвандон роҳхат барои касбомӯзӣ ва 306 нафар ба иҷрои корҳои ҷамъиятии музднок гирифтанд. Дар маҷмӯъ тавассути ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ дар давраи баррасишаванда 2533 нафар шаҳрвандон ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб шуданд.

Тавассути ярмаркаҳо 694 нафар занон ва 619 нафар ҷавонон ба намудҳои гуногуни шуғл ҷалб гардиданд.

Аз ин чорабиниҳо ду ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ хусусияти минтақавӣ доштанд (12 марти соли 2013 дар водии Рашт ва 15 марти ҳамин сол дар водии Ҳисор), ки дар ҷараёни онҳо Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита иштирок намуд.

Бояд қайд намуд, ки дар ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ пешниҳоди маълумот аз ҷониби корфармоён оид ба ҷойҳои кори холии мавҷуда нақши муҳим дорад.

Дар охири моҳи марти соли ҷорӣ аз ҷониби корхонаю ташкилотҳо ва муассисаю хоҷагиҳо ба мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ 12445 адад ҷойҳои кории холӣ пешниҳод карда шуд (ниг. ба)



Аз ҷойҳои кори холии пешниҳодшуда 2959 адад ба соҳаи саноат (музди миёнаи меҳнат 422 сомонӣ), 985 ба соҳаи сохтмон (музди миёнаи меҳнат 526 сомонӣ), 756 ба соҳаи кишоварзӣ (музди миёнаи меҳнат 195 сомонӣ), 237 ба соҳаи нақлиёт ва алоқа (музди миёнаи меҳнат 213 сомонӣ), 1317 ба соҳаҳои маориф ва фарҳанг (музди миёнаи меҳнат 271 сомонӣ), 3066 ба соҳаи тандурустӣ (музди миёнаи меҳнат 198 сомонӣ), 339 ба соҳаи савдо ва хизмати маишӣ (музди миёнаи меҳнат 222 сомонӣ), 742 ба соҳаи манзилию коммуналӣ (музди миёнаи меҳнат 233 сомонӣ) ва 2044 ба дигар соҳаҳо (музди миёнаи меҳнат 322 сомонӣ) рост меояд. Таҳлили таркибии ҷойҳои кории холии пешниҳодшуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки 24,6 фоизи он ба соҳаи тандурустӣ, 10,6 фоиз ба соҳаҳои маорифу фарҳанг ва 23,7 фоиз ба соҳаи саноат тааллуқ доранд. Тавре аз нишондодҳо бармеояд аксари ҷойҳои кории холӣ ба сектори давлатӣ, яъне аз ҳисоби буҷаи давлат маблағгузоришаванда рост меояд ва сабаби асосии банд нашудани ин ҷойҳои кории холӣ музди меҳнати паст мебошад.

Илова ба ин, бо мақсади таъмин намудани дастрасии оммавии шаҳрвандони бекор, корҷӯён ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба иттилоот дар самти хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва табодули иттилоот миёни сохторҳои мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва васоити ахбори умум дар шабакаи Интернет сомонаи «Махзани миллии маълумот оид ба ҷойҳои кори холӣ» бо суроғаи www.kor.tj фаъол аст, ки феълан дар ин сомона 6526 адад ҷойҳои кории холӣ пешкаши корҷӯён мебошад.

Аз ин теъдоди ҷойҳои кории холӣ ба ВМКБ 62 адад, Суғд 1643, Хатлон 2146, шаҳри Душанбе 984 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1691 ада рост меоянд.

Таркиби сохтории ҷойҳои кори холии дар сомона пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки аз ин шумора ба соҳаи нақлиёт 254 адад, кишоварзӣ 114, саноат 1935, сохтмон 371, тандурустӣ 1710, маориф 311, фарҳанг 415, манзилию коммуналӣ 392 ва ба дигар соҳаҳо 1023 адад ҷойҳои кории холӣ мансуб мебошанд.

**Дастгирии фаъолияти соҳибкории бекорон**. Дар доираи Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои дастгирии ташаббуси бекорон дар рушди соҳибкорӣ тавассути пардохти қарзҳои имтиёзнок ба шаҳрвандони бекор чорабиниҳо амалӣ мешаванд.

Пардохти қарзҳои имтиёзнок шароит фароҳам меорад, ки шаҳрвандони бекор худро мустақилона ба кор таъмин намоянд ва ба ин васила сатҳи зиндагии худро беҳтар намоянд.

Дар ин раванд фаъолият тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2006, №62 «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои аз ҷониби Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират расонидани хизматҳои машваратӣ ва кӯмаки молиявӣ ба шаҳрвандони бекоре, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд» ва нишондиҳандаҳои «Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 - 2013» амалӣ мешавад.

Ба ҳолати 20 марти соли 2013 дар заминаи қарорҳои болозикр ва нишондодҳои Барнома, ки масъалаҳои дастгирии шаҳрвандони бекорро

ҷиҳати ташкили корҳои фардӣ танзим менамоянд аз ҳисоби маблағҳои бозгаштшуда ба 705 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 2353813 сомонӣ ё худ ба ҳар як шаҳрванд ба андозаи 83,5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо қарзҳои имтиёзнок барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ пардохт гардид.

Аз ҷумла, тавассути раёсат ва шӯъбаҳои Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ВМКБ ба 144 нафар шаҳрвандони бекор ба маблағи 389332 сомонӣ, вилояти Суғд ба 177 нафар дар ҳаҷми 576500 сомонӣ, вилояти Хатлон ба 161 нафар шаҳрвандони бекор ба андозаи 606510 сомонӣ, шаҳри Душанбе ба 59 нафар ба маблағӣ 216500 сомонӣ, шаҳрҳо ва ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад ба 164 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 564971 сомонӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ қарзҳои хурди имтиёзнок таъин ва пардохт гардид.

Дар муқоиса ба нақшаи асосии Барнома соли ҷорӣ ин нишондиҳанда 22,7 фоизро ташкил намуд.

Самти фаъолияти соҳибкории шаҳрвандони бекор бошад давоми семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар ҷумҳурӣ асосан ба соҳаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ равона гардидааст.

Тибқи маълумотҳо тайи давраи ҳисоботӣ бо мусоидати мақомоти Агентӣ ҷиҳати машғул шудан ба фаъолияти истеҳсолӣ ба 369 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 1233398 сомонӣ, барои пешбурди фаъолияти тиҷоратӣ ба 216 нафар шахсони бекор ба андозаи 722621 сомонӣ ва барои пешбурди фаъолияти хизматрасонӣ ба аҳолӣ бошад ба 120 нафар шаҳрвандони бекор дар ҳаҷми 397794 сомонӣ қарзҳои хурди имтиёзнок пардохт гардидааст.

Дар ин давра ба дастгирии ташаббуси занону ҷавонон низ аҳамият дода шуда, давоми семоҳаи аввали соли равон ба 332 нафар занон дар ҳаҷми 1108646 сомонӣ ва ба 226 нафар ҷавонони бекор барои рушди соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ 755574 сомонӣ, қарзҳои хурди имтиёзнок дода шудааст.

Яке аз масъалаҳои мубрами рӯз дар ин самти фаъолият таъмини ҷараёни саривақт баргардонидани маблағҳои барои дастгирии шахсони бекор дар инкишоф ва рушди соҳибкорӣ додашуда мебошад.

Давоми семоҳаи аввали соли ҷорӣ нисбати ин масъала диққати ҷиддӣ зоҳир гардида аз ҷониби шаҳрвандон дар ҳаҷми 2082304 сомонӣ маблағ баргардонида шуд, ки ин нисбати ҳамин давраи соли 2012-ум 297204 сомонӣ зиёд мебошад.

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардидаи сарраёсат, раёсат ва шӯъбаҳои Агентӣ андозаи қарзҳои имтиёзноки саривақт бозгаштнашуда дар ВМКБ 104766 сомонӣ, дар вилоятҳои Хатлон 85163 сомонӣ, дар шаҳри Душанбе 45870 сомонӣ ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ бошад 27298 сомониро ташкил медиҳад.

**Тайёрии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон.** Дар самти касбомӯзӣ ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор аз оғози соли равон Барномаи ташкили касбомӯзии шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатӣ дар муассисаҳои таълимии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар соли 2013 таҳия ва тасдиқ гардид.

Бояд қайд намуд, ки мувофиқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013 дар соли равон аз

ҳисоби маблағҳои буҷети барнома 15000 нафар шаҳрвандони бекор, муҳоҷирони меҳнатӣ ва калонсолон ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифта шаванд.

Дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ дар муассисаҳои таълими касбии соҳа маҷмӯан 20888 нафар шаҳрвандон ба тайёрии касбӣ, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва шаҳодатномакунонии малакаҳои касбӣ фаро гирифта шуданд.

Аз ҷумла аз ҳисоби маблағҳои буҷети барнома 5175 нафар (34,5% нисбат ба нишондоди барнома) ва тавассути худмаблағгузорӣ 10516 нафар (23,3%) шаҳрвандони бекор ва корҷуй ба тайёрии касбӣ фаро гирифта шуда, малакаҳои касбии 4697 нафар (11,8%) бо шаҳодатномаҳо тасдиқ гардиданд.

Тавассути маблағгузорӣ аз ҳисоби барнома дар ВМКБ 424 нафар (30,3%), вилояти Хатлон 1877 (40,3%), Суғд 1258 (31,0%), шаҳри Душанбе 601 (28,2%) ва шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ 1015 нафар (36,8%) шаҳрвандон ба касбомӯзӣ ҷалб гардиданд.

Ба таври худмаблағгузорӣ бошад, дар ВМКБ 203 нафар (4,6%), дар вилояти Хатлон 3646 нафар (24,9%), Суғд 3437 нафар (30,6%), Душанбе 1931 нафар (27,8%) ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1299 нафар (16,4%) ба тайёрии касбӣ ҷалб гардиданд.

Тавре қайд гардид дар давраи ҳисоботӣ маҷмӯан малакаҳои касбии 4697 нафар шаҳрвандон бо шаҳодатнома тасдиқ гардиданд, ки аз ин теъдод ба ВМКБ 150 нафар (3,6%), Хатлон 1566 нафар (11,6%), Суғд 1674 нафар (15,9%), Душанбе 356 нафар (8,7%) ва шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ 951 нафар (12,5%) рост меояд.

Дар Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” аз ҳисоби маблағҳои барнома 3383 нафар (33,3%), тавассути худмаблағгузорӣ 2482 нафар (8,4%) ба тайёрии касбӣ фаро гирифта шуда, малакаҳои касбии 2174 нафар (7,7%) бо шаҳодатнома тасдиқ гардиданд.

Бо мақсади ҳарчи бештар ба тайёрии касбӣ фаро гирифтани шаҳрвандон ва тибқи дастуру супоришҳои Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни сафари корӣ ба вилояти Суғд тайи давраи ҳисоботӣ бо Фармоиши директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират аз 22 январи соли 2013, №8 филиали Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар ноҳияи Ҷаббор Расулов ва аз 11 феврали соли 2013, №14 филиали ин марказ дар ноҳияи Айнӣ таъсис дода шуданд.

Бо дастгирӣ ва кӯмаки барномаи “Дастгирии ҷараёни ислоҳоти соҳаи таҳсилот ва таълими касбии калонсолон дар Тоҷикистон” барои филиалҳои Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар ноҳияҳои Айнӣ, Панҷакент ва Мастчоҳ маводи таҷҳизоти таълимӣ харидорӣ ва дастрас гардид.

Аз ҷумла барои филиали Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар шаҳри Панҷакент 10 адад компютер, 1 адад принтер, 2 тахтаи синфӣ, 10 адад мошинаи дарздӯзӣ, 31 адад курсӣ, 2 дона миз, 2 ҷевони китобгирӣ ва 1 генератор дода шуд.

Ба филиали муассисаи мазкур дар ноҳияи Айнӣ бошад, 10 адад компютер, 1 принтер, 10 миз барои компютерҳо, 10 мошинаи дарздӯзӣ, 1 генератор, 22 курсӣ ва мизу ҷевон ва тахтаи синфӣ дастрас гардид.

Ба филиали муассиса дар ноҳияи Мастчоҳ дар давраи мадди назар 10 мошинаи дарздӯзӣ, 7 дастгоҳи кафшергарӣ ва 1 генератор низ дастрас шуд.

Ба филиалҳои Муассисаи давлатии "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" дар шаҳрҳои Исфара ва Хоруғ бошад дар ҳамин давра бо дастгирии Ташкилоти ҳамкориҳои байналмиллалии Олмон таҷҳизотҳо мувофиқ ба омӯзиши касбҳои "Сантехник" ва "Таъмиргари автомобилҳо " аз 14 январи соли 2013 то 10 марти ҳамин сол низ харидорӣ шуда, насб карда шуданд.

Инчунин дар муассисаи мазкур дар ҳамкорӣ бо Ташкилоти Байналхалқии Меҳнат ва бо дастгирии молиявию техникии Ҷумҳурии Федералии Олмон системаи мониторинги меҳнати кӯдакон фаъолият дорад, ки алҳол 30 нафар кӯдакон дар шаҳри Душанбе аз меҳнати вазнини ҷисмонӣ озод карда шуда, дар марказ ба тайёрии касбӣ фаро гирифта шудаанд. Баромади иҷтимоии ин кӯдакон аслан аз оилаҳои камбизоат мебошад.

Илова ба ин, тибқи лоиҳаи Созмони Милали Муттаҳид барои солҳои 2012-2013 дар бораи "Ба таълим фаро гирифтани шаҳрвандони бештар зҳтиёҷманд – аз қабили беморони сил ва аҳли оилаи онҳо, маҷрӯҳони ҷавон, бекорон, шахсони аз маҳбас озодшуда ба касбҳои мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат" дар Корхонаи воҳиди давлатии "Маркази таълими омӯзиши модулии шаҳри Душанбе" фаъолият шурӯъ гардид, ки Созишномаи ин лоиҳа аз тарафи Созмони Милали Муттаҳид ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 феврали соли 2012 ба тасвиб расида буд.

Тайи давраи ҳисоботӣ дар дигар муассисаҳои таълими касбии система бошад, аз ҳисоби маблағҳои буҷети барнома 1546 нафар (31,9%) ва тавассути худмаблағгузорӣ 1027 нафар (7,4%) ба тайёрии касбӣ ҷалб шуда, малакаҳои касбии 1221 нафар (9,1%) шаҳрвандон бо шаҳодатнома тасдиқ гардиданд.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки аз теъдоди умумии шаҳрвандони аз ҳисоби маблағҳои буҷети барнома ба тайёрии касбӣ ҷалбшуда, 1656 нафар (32%) ихтисоси дӯзанда, 672 нафар (13,1%) ихтисоси кафшергари газию барқӣ, 931 нафар (18,1%) ихтисоси асосҳои омӯзиши компютер ва 2018 нафар (39%) дигар касбу ихтисосҳои коргарӣ ва хизматрасонро омӯхтанд.

Мусаллам аст, ки омӯзиш ва бозомӯзии касбӣ яке аз омилҳои муассир дар танзими масъалаҳои шуғли аҳолӣ буда, дар маҷмӯъ рушди бемайлони иқтисодии ҳар кишвар аз шумораи аҳолии машғули кор ва самаранокии фаъолияти онҳо иборат аст, ки ин дар навбати худ ба сатҳи малакаи касбии аҳолии шуғлнок ва истифодаи босамари ин малакаҳои касбӣ бевосита иртибот дорад.

Маҳз аз ҳамин хотир, дар ҳуҷҷатҳои барномавии стратегии Тоҷикистон – Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 ва Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ташаккули захираҳои инсонӣ, иштироки фаъоли аҳолӣ дар раванди рушд, инчунин ҳалли масъалаҳои гендерӣ ҳамчун афзалиятҳои миллӣ муайян шудаанд.

Дар пайваст ба ҳамин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккули муназзами бозори хизматрасонии таълими касбӣ дар ҷумҳурӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, барои рушди ин соҳа пайваста тадбирҳоро амалӣ менамояд.

Дар сохтори Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ” низ мавҷуд аст, ки дар ҷодаи касбинтихобкунӣ, расонидани хизматҳои машваратӣ ва касбӣ ба корҷуёну шаҳрвандони бекор, ҷавонон ва муҳоҷирони меҳнатӣ хизмат мерасонад.

Бо назардошти муҳим будани ин самти фаъолият, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011, №164 «Дар бораи тасдиқ намудани Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» қабул гардид, ки мувофиқи ин санад дурнамои нақшаи фаъолият дар ин соҳа муайян шуд.

Дар ҳамин замина фаъолияти “Маркази ҷумҳуриявии роҳнамоии касбӣ” роҳандозӣ шуда, тайи давраи ҳисоботӣ кормандони соҳаи роҳнамоии касбӣ ҷамъ ба 4378 нафар хизмати касбӣ расониданд.

Аз ҷумла дар ВМКБ ба 288 нафар, вилояти Суғд 887, Хатлон 1023, шаҳри Душанбе 1076 ва дар шаҳру навоҳии тобеи ҷумҳурӣ ба 1104 нафар хизмати касбӣ расонида шуд.

Аз теъдоди умумии шаҳрвандоне, ки ба онҳо хизмати касбӣ расонида шуд 2803 нафарро бекорон, 859 нафарро занон, 138 маъюбон, 1255 ҷавонони синни 15 то 29 сола, 248 ҷавонони аз сафи Артиши миллӣ озодшуда ва 303 нафарро шахсони дорои маълумоти олӣ ташкил медиҳанд.

**Ташкили корҳои ҷамъиятии музднок.**

Дар давраи ҳисоботӣ бо ташаббуси бевоситаи Агентӣ лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005, №93» таҳия гардид, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, №106 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005, №93» тасдиқ гардид.

Дар доираи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2013 тайи давраи ҳисоботӣ тибқи 63 шартномаҳои тарафайн бо корфармоён 1440 нафар (дар ҳамин давраи соли 2012-ум 1316 нафар) бекорони дар қайди мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ буда ба корҳои ҷамъиятӣ фаро гирифта шуданд, ки нисбати пешгӯии барнома 31,6 фоизро ташкил намуд.

Дар миқёси вилоят ва шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ бошад, дар давраи ҳисоботӣ дар вилояти Суғд 376 нафар, вилояти Хатлон 582 нафар, шаҳри Душанбе 130 нафар ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 352 нафар шаҳрвандони бекор ба корҳои муздноки ҷамъиятӣ ҷалб гардиданд.

Бояд қайд намуд, ки дар давраи мадди назар намуди корҳои ҷамъиятии иҷрогардида асосан аз корҳо дар соҳаи кишоварзӣ ва кабудизоркунию ободонӣ, соҳилмустаҳкамкунӣ ва тоза кардани каналу ҷӯйборҳо иборат буд.

Давоми семоҳаи аввали соли ҷорӣ аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо маҷмӯан 603 нафар занон ва 567 нафар ҷавонон ба иҷрои ин намуди корҳо сафарбар гардиданд.

Илова ба ин тибқи Нақшаи чорабиниҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳои Суғду Хатлон ва Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои супоришҳои Ҷаноби Олӣ

мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 январи соли 2013 тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати ташкил ва гузаронидани корҳои ҷамъиятии музднок давоми соли равон амалӣ мешаванд.

**Таъин ва пардохти кумакпулӣ барои бекорӣ**. Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» ҷиҳати дастгирии иҷтимоии шаҳрвандони бекор ба онҳо кӯмакпулӣ барои бекорӣ пардохт карда мешавад. Дар ин раванд тайи давраи ҳисоботӣ, аз ҷониби мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ба 1865 нафар шаҳрвандон ба маблағи 594652 сомонӣ кӯмакпулӣ оиди бекорӣ пардохт карда шуд, ки ин нишондиҳанда 34,6 фоизро аз таъмини иҷрои барнома ташкил медиҳад.

Аз ҷумла, дар ВМКБ ба 93 нафар 47524 сомонӣ, вилояти Суғд ба 729 нафар 250156 сомонӣ, вилояти Хатлон ба 500 нафар 129340 сомонӣ, шаҳри Душанбе ба 168 нафар 58274 сомонӣ ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба 375 нафар 109358 сомонӣ кӯмакпули барои бекорӣ ба шаҳрвандони бекор пардохт карда шуд.

Бо мақсади дастгирии молиявии занони бекор бошад, тайи давраи ҳисоботӣ ба 114 нафар занон дар ҳаҷми 53537 сомонӣ кӯмакпулӣ барои бекорӣ таъин ва пардохт гардид.

Ҳамин тавр, масъалаҳои танзиму густариши бозори меҳнат, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ дар самти мусоидат ба шуғл madди назари доимии мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ қарор дошта, бо таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, роҳандозии шаклу усулҳои нави хизматрасонӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда тадбирҳо тадриҷан амалӣ мешаванд.

**III. Дар самти муҳоҷирати аҳолӣ**

Агентӣ дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ фаъолияти кории худро дар семоҳаи аввали соли 2013 тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон марбут ба масоили муҳоҷират, супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ба роҳ монд.

Бо мақсади танзими масъалаҳои муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ, пешгирии ҳодисаҳои номатлуби табиӣ ба мавзеъҳои бехавф кӯчонидани аҳолӣ, аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи барқии обии Роғун кӯчонидани аҳолии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод, инчунин ҷиҳати муайян намудани дурнамои муҳоҷирати дохилии аҳолӣ, банақшагирӣ ва ҳалли мушкилоти дар ин самт ҷойдошта, аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ, беҳтар гардидани инфрасохтори деҳот, рушди соҳаҳои хоҷагии қишлоқ ва паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ, дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷиҳати иҷрои саривақтии қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳоҷирати дохилӣ ва экологӣ тадбирҳои амалӣ андешида аз аввали соли ҷорӣ як қатор корҳоро анҷом дод.

**Муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ):** Дар семоҳаи аввали соли 2013 кор дар ин самт асосан ҷиҳати иҷрои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012, №677 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба водиҳои дорои заминҳои бекорхобидаи ҷумҳурӣ дар солҳои 2013-2015» ва аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол» ба роҳ монда шудааст.

**Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, №677 соли 2013 бояд дар ҷумҳурӣ 661 оила ихтиёрӣ кӯчонида шаванд; аз ҷумла: дар вилояти Хатлон - 308 оила, вилояти - Суғд 135 оила ва НТҶ 218 - оила.**

Аз ҷониби Вазорати молияи барои муҳоҷирони дохилӣ дар соли 2013 мабалағи қарзи имтиёзнок ба миқдори 2695971 сомонӣ ва барои интиқоли онҳо 1145122 сомонӣ, дар маҷмӯъ 3841093 сомонӣ ҷудо гардидааст.

Бо мақсади иҷрои саривақтии қарори болозикр ва пешниҳоди рӯйхати аниқшудаи муҳоҷирони дохилӣ барои соли 2013, аз ҷониби Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ унвонии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 19 декабри соли 2012 таҳти №14.2/3289 мактуби расмӣ ирсол гардида буд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар мӯҳлатҳои муайяншуда тибқи нақша рӯйхати аниқшудаи муҳоҷиронро барои маблағгузорӣ ва кӯчонидани онҳо дар давоми соли 2013 пешниҳод карданд. Рӯйхати таҳияшуда аз ҷониби Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 феврали соли равон тасдиқ карда шуд.

Тибқи маълумоти фаврии мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои қабулкунандаи муҳоҷирон айни замон кор дар самти қабули қарори замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматии муҳоҷирон мавриди баррасӣ қарор дошта, дар як қисм ноҳияҳо алакай қарори замин тасдиқ карда шудааст. Мутаассифона, қитъаи замини наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзил дар шаҳри Исфара, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Қумсангир, Вахш ва Ҷ. Румӣ то ҳол тасдиқ нагардидааст.

Оид ба масъалаи мазкур ҷиҳати ҷудо намудани қитъаи замин аз ҷониби Агентӣ унвонии Раисони вилояти Хатлон, шаҳри Исфара ва ноҳияи Рӯдакӣ мактуби расмӣ ирсол карда шуд.

Дар семоҳаи аввали соли 2013 ба 359 оилаи муҳоҷирони дохилӣ (ихтиёрӣ)-и кӯчонидашудаи соли 2012 дар ҷумҳурӣ маблағи қарзи имтиёзнок ба миқдори 538500 сомонӣ тавассути шуъбаҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»-и шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои пардохт интиқол дода шуд.

**Ҷиҳати иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430 «Дар бораи муҳоҷирати дохилии аҳолӣ аз ҳудуди ноҳияи Ҷиргатол ва ноҳияҳои минтақаи Рашт ба мавзеи Лахши ноҳияи Ҷиргатол», корҳои муайяне ба анҷом расонида шуд.**

Ба ҳолати 20 марти соли равон 489 оилаи муҳоҷирон, аз ҷумла 80 оила аз ноҳияи Рашт, 60 оила аз ноҳияи Тоҷикобод ва 349 оила аз ноҳияи Ҷиргатол дар мавзеи Чоргули ҷамоати деҳоти Лахш, мавзеи Дуванаи ҷамоати деҳоти Алға, мавзеи Ҷаилғани ҷамоати деҳоти Лахш ва мавзеи Сарталои ҷамоати деҳоти

Сатралои ноҳияи Ҷиргатол ба таври муташаккилона бо қитъаҳои замин барои сохтмони хонаи истиқоматӣ таъмин карда шуданд.

Аз ҷониби Вазорат ба ҳар як сардори оила дар ҳаҷми 1500 сомонӣ дар маҷмуъ ба 500 оила 750000 сомонӣ қарзи имтиёзнок тавассути бахши Бонки давлатии амонатгузории "Амонатбонк"-и ноҳияи Ҷиргатол барои пардохт интиқол дода шуд.

Аз шумораи умумии муҳоҷирони кӯчонидашуда, 23 оила хонаҳои истиқоматиро сохта, боми онҳоро пӯшонданд, 25 оила девори хонаҳоро бардошта, 48 оила таҳкурсии хонаҳоро гузошта, 201 оила сангу шағал захира намуда ва 192 олаи дигар тамоман ба корҳои сохтмонӣ шурӯъ накардаанд.
Вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ҷиҳати таъмини иҷрои қарори мазкур як қатор корҳоро анҷом доданд:
Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони бунгоҳи тиббиро дар мавзеи Чоргули ҷамоти Муксу ба пурраги ба итмом расонида, бо ашёҳо таҷҳизонидааст.

Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то саршавии мавзеи муҳоҷирнишин сангфарш намудани 4 км роҳро анҷом дод.
Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳорои сохтмони мактабро идома дода айни замон қисми аввали девори биноро бардоштааст.
Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани қубурҳои обгузар ҷиҳати таъмини муҳоҷирон бо оби нӯшокӣ дар масофаи 3800 метр қубури обгузар канда онро хобонидаанд, дар 3200 метри боқимонда кор идома дорад.

Вазорати энергетика ва саноат, Ширкати саҳомии холдинги кушодаи «Барқи Тоҷик» корҳоро доир ба гузаронидани хатҳои интиқоли қувваи барқи дохилихоҷагӣ дар мавзеи Чоргул оғоз намуда, 110 чуқурӣ барои шинонидани симчӯбҳо омода кардаанд.

Доир ба иҷрои саривақтии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2009, №430 унвонии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баргузории ҷаласаи Ситоди Ҷумҳуриявӣ бо иштироки вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Ҷиргатол, Рашт ва Тоҷикобод 28 феврали соли 2013, №14.2/ 556 ва ба вазорату идораҳои дахлдор 8 феврали соли 2013, №14.2/357 ҷиҳати ҳал намудани вазъи таъмини муҳоҷирон бо оби нӯшокӣ, гузаронидани хатти барқ ва сохтмони роҳҳои дохилихоҷагӣ мактуби расмӣ ирсол гардид.

**Муҳоҷирати экологӣ:** Агентӣ ҷиҳати иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2011, №332 «Дар бораи тасдиқи Нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ барои солҳои 2011-2013» тадбирҳо андешида, барои муҳоҷиркунонии аҳолӣ аз минтақаҳои хавфноки экологӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ корҳои муайянеро ба анҷом расонид.

Бо мақсади суръат бахшидан ба раванди муҳоҷиркунонии аҳолӣ аз минтақаҳои хавфноки экологӣ ба мавзеъҳои бехавф мактуби расмӣ аз номи Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2012 таҳти №14.2/2194 оиди пешниҳоди руйхати муҳоҷирони экологӣ

барои соли 2013 ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ирсол гардид.

Дар асоси пешниҳоди дархостҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ руйхати аниқи муҳоҷирони экологӣ, ки 300 хоҷагиро дар бар мегирад таҳия гардида баъд аз мувофиқа бо Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Комиссияи давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кард, он аз 12 феврали соли 2013 таҳти №19/1-2-05 тасдиқ гардид.

Тибқи қарори болозикр соли 2013 аз минтақаҳои хавфноки экологии ҷумҳурӣ бояд 300 хоҷагии муҳоҷирони экологӣ кӯчонида шуда бо маблағи қарзи имтиёзнок ва кӯмаки яквақтаинаи моддӣ таъмин гарданд, аз ҷумла: дар ВМКБ – 50 хоҷагӣ, вилояти Суғд – 66, вилояти Хатлон – 108 ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 76 хоҷагӣ.

Барои ҳалли масъалаҳои муҳоҷирати экологӣ, тибқи харҷномаи тасдиқгардида барои соли 2013 Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 1807719 сомонӣ пешбинӣ намудааст, ки аз он 1500000 сомонӣ қарзи имтиёзнок ва 307719 сомонӣ кӯмаки якдафъаинаро ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ дар ҷамбасти семоҳаи якуми соли 2013 22 хоҷагӣ аз минтақаҳои хавфноки экологии ҷумҳурӣ кӯчонида шудааст, аз ҷумла; вилояти Хатлон - 18 хоҷагӣ, ноҳияҳои тобеи марказ – 4 хоҷагӣ.

Инчунин дар ин давра 19 хоҷагӣ дар вилояти Суғд ва 9 хоҷагӣ дар вилояти Хатлон ба корҳои сохтмони манзили истиқоматӣ дар мавзеъҳои бехавф оғоз намудаанд.

Дар семоҳаи аввали соли 2013 барои кучонидани 100 хоҷагӣ тавассути шӯъбаҳои Бонки давлатии амонатгузории "Амонатбонк" дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маблағи 300000 сомонӣ қарзи имтиёзнок ва маблағи 26500 сомонӣ кумакпулии яквақтаинаи моддӣ барои пардохт ба муҳоҷирони кучонидашаванда интиқол дода шуд.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари корҳои ба анҷом расонидашуда дар раванди кӯчонидани муҳоҷирон аз минтақаҳои хавфнок мутасаддиёни соҳа ба мушкилиҳои зиёд низ рӯ ба рӯ мешаванд.

Пеш аз ҳама, на дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз ҷониби мақомоти ичроияи маҳалии ҳокимияти давлатӣ ба масъалаҳои муҳоҷирати экологӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд.

Дар навбати худ барои эҳтиёҷоти муҳоҷирони дар минтақаҳои хавфноки экологӣ истиқоматдошта ин сари вақт ҷудо накардани қитъаҳои замин барои сохтмони манзили истиқоматӣ дар мавзеъҳои бехавф аз ҷониби мақомоти ичроияи ҳокимияти давлатии дар маҳалҳо мебошад.

Айни замон масъалаи ҷудо намудани қитъаҳои замини наздиҳавлиги дар шаҳри Хуҷанд, ноҳияҳои Ишкошим ва Шуғнон ҳал нагардидааст.

Сабаби дигари сари вақт накӯчидани муҳоҷирони экологӣ ин нокифоягии маблағҳои ҷудогардида ва маблағҳои шахсии муҳоҷирони экологӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ мебошад.

Ҷиҳати ичрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2009, № 47 "Дар бораи аз минтақаи зериобмонии Нерӯгоҳи барқи обии Роғун

кӯчонидани аҳолии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод” корҳои муайяне ба сомон расонида шудаанд.

Аз ҷумла дар давоми солҳои 2009-2012 аз минтақаи зериобмонии НБО Роғун ҳамагӣ 1534 оила ба мавзеъҳои нав кӯчонида шуда, бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин гардидаанд, аз ҷумла аз шаҳри Роғун 199 ва ноҳияи Нуробод 287 оила ба шаҳри Турсунзода, аз шаҳри Роғун ба деҳаи Саидони шаҳри Роғун 195 оила, аз ноҳияи Нуробод ба ноҳияҳои Данғара 256 оила, Рудакӣ 261 оила ва ба шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нуробод 336 оила кӯчонида шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи банди 6 қарори болозикр ҳар сол нақшаи солонаи кучонидани муҳоҷирон аз минтақаҳои зериобмонии НБО Роғун дар асоси пешниҳоди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун ва ноҳияи Нуробод дар мувофиқа бо Муассисаи давлатии “Маъмурияти минтақаи зериобшавандаи НБО Роғун” омода мегардид.

Айни замон масъала дар омӯзиш бо Муассисаи давлатии “Маъмурияти минтақаи зериобшавандаи НБО Роғун” буда, ҳангоми муайян намудани маҳалҳои интиқоли муҳоҷирон дар ноҳияҳои қабулкунанда нақшаи кӯчонидан дар соли 2013 барои тасдиқ пешниҳод карда мешавад.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июли 2012 таҳти №365 “Дар бораи кӯчонидани 45 оилаи муҳоҷирони экологӣ аз ноҳияи Тавилдара ба ноҳияҳои Панҷ ва Қумсангири вилояти Хатлон” 7 оила дар ноҳияи Панҷ пурра манзили зисти худро сохта истиқомат доранд, танҳо 1 оила ба кори сохтмони манзили истиқомати оғоз накардааст.

Аз 37 оилаи ба ноҳияи Қумсангир кучонида шуда, 36 оила ба қайд гирифта шудааст. То имрӯз 15 оила девори хонаҳоро бардошта, 22 оила таҳкурсии хонаҳоро омода намудаанд. Бо фарорасии фасли гармо кори сохтмони манзили истиқоматӣ идома меёбад.

Агентӣ ҷиҳати иҷрои қарорҳои болозикр тадбирҳои зарурӣ андешида, вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо саривақт амалӣ менамояд.

**Фаъолияти молиявӣ**

Агентӣ оиди иҷроиши буҷети сохторҳои таркибӣ барои семоҳаи аввали соли 2013 ба ҳолати 27 марти соли 2013 нишон медиҳад, ки харҷномаи хароҷотии сохторҳои Агентӣ дар семоҳаи аввали соли 2013 ба андозаи 11 660 916 сомонӣ тасдиқ гардида дар ин давра 912 68 36 сомонӣ маблағгузорӣ гардид, ки 72,2 % - и иҷроиши буҷети семоҳаи аввали соли 2013 – ро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла, харҷномаи хароҷотии Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар семоҳаи аввали соли 2013 ба андозаи 2 млн.999 ҳазор сомонӣ тасдиқ гардида, дар ин давра аз ҷониби Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ҷиҳати татбиқи барномаи мазкур 800 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ гардидааст, ки ин 39,9 % иҷроиши буҷети харҷномаи семоҳаи аввалро ташкил медиҳад. Дар ин давра аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 7 сохтори Агентӣ санҷиши молиявӣ гузаронида шуд, аз ҷумла дастгоҳи марказии Агентӣ, Муассисаи давлатии «Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони «Чорбоғ», Муассисаи давлатии «Осоишгоҳи собиқадорони ҷангу меҳнати «Харангон»-и

ноҳияи Варзоб, Муассисаи давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Ваҳдат», Муассисаи давлатии «Литсей-интернати касбии махсуси маъюбони Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон», КВД «Маркази таълимии шаҳри Душанбе», КВД «Маркази касбомӯзию соҳибкорӣ».

Рафти санҷиш аз ҷониби мутахассисони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохторҳои номбурда як қатор камбудиҳои молиявиро ошкор намуданд.

Баъди омӯзиши санадҳои санҷишӣ дар дастгоҳи марказии Агентӣ бо иштироки масъулони муассисаҳои зикргардида, натиҷаи санҷиш мавриди баррасӣ қарор дода шуда, суратҷаласа тартиб дода шуд. Аз ҷониби директори Агентӣ барои роҳ додан ба камбудиҳо ва беаҳамияти зоҳир намудан дар фаъолияти молиявӣ, диққати директорони муассисаҳо ҷалб карда шуда, ба сармуҳосибони ин муассисаҳо муҷозоти интизоми дар шакли «сарзаниш» татбиқ карда шуд.

Масъалаи зикргардида иловатан дар маҷлиси васеи вазорат бо иштироки роҳбарияти вазорат, намояндаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои таркибии вазорат мавриди баррасӣ ва натиҷагирӣ қарор дода шуд. Бори дигар таъкид карда шуд, ки дар фаъолияти молиявӣ ба камбудиҳо ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ роҳ дода нашавад.

**Корҳои ташкилӣ ва ҳуқуқӣ.**

Дар соли ҷорӣ 19 фармоишҳои дохилии Агентӣ таҳия ва ба имзо расонида шуд, ки 10 ададаш барои баррасӣ ва иҷро ба мақомоти Агентӣ ва дигар сохторҳои дар ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеъи ҷумҳур фиристонида шуд. Тайи ҳамин давра 13 нақшаи ҳафтаина, ки 644 масъаларо дар бар мегирад таҳия карда шуда, иҷрои саривақтии онҳо зери назорати доимӣ қарор дода шуд. Ҳамзамон 11 Протоколи ҷаласаҳои назоратии назди директори Агентӣ ва муовинони директор таҳия ва тасдиқ карда шуда, 192 супоришро дар бар мегирад, ки мавриди баррасӣ қарор дода шуда, иҷрои онҳо зери назорати қатъӣ қарор дода шудаанд.

Дар ин давра дар Агентӣ 501 воҳиди корӣ барои хизматчиёни давлатӣ ҷудо гардидааст. Аз ҷумла барои дастгоҳи марказӣ - 65, НТҶ - 76, вилояти Хатлон - 144, вилояти Суғд - 127, ВМКБ - 50, ва шаҳри Душанбе - 39 воҳиди корӣ ҷудо карда шудааст.

Баъд аз таҳлил намудани фармоишҳои содиршудаи кадрӣ (ҳайати кормандон, рухсатии меҳнатӣ ва сафарҳои хизматӣ) маълум гашт, ки дар ин муддат ҳамагӣ 112 фармоиш, аз ҷумла ҳайати кормандон 52, рухсатии меҳнатӣ – 32 ва сафарҳои хизматӣ – 28 адад ба тавсиб расидаанд.

Бо 52 фармоишҳои ҳайати кормандон 22 нафар кормандон ба вазифа таъин, 14 нафар озод карда шудаанд, навбатдорӣ – 1 адад, 3 - адад муҷозот ва дигар фармоишҳо -10 адад ба имзо расидаанд.

Бо 32 фармоишҳои рухсатии меҳнатӣ ба 18 нафар рухсатии навбатии меҳнатӣ, 1 нафар рухсатии иловагии пардохтшаванда, 13 нафар бинобар зарурияти корӣ аз рухсатии меҳнатӣ бозхонд карда шудаанд.

Бо 28 фармоишҳои сафари хизматӣ, 1 адад курси такмили ихтисос, 3–адад сафари хориҷа, 24 адад сафари хизматӣ ба вилоятҳои ВМКБ, Суғд, Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳур ба тасвиб расидааст.

Аз ин 1 нафар хизматчии давлатӣ барои баланд бардоштани савияи дониш дар Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар курсҳо иштирок намуд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби шӯъбаи ҳукуқ ва сиёсати кадрҳо оид ба иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.08.2005, № 289 «Дар бораи тасдиқи эъломия оид ба андоз ва эъломия оид ба вазъи амволии хизматчии давлатӣ» корҳо ба роҳ монда шуд.

Дар маҷмӯъ барои давраи фаъолияти соли 2012 хизматчиёни давлатии Агентӣ эъломияҳои худро саривақтӣ то 1-уми апрели соли 2013 ба мақомоти дахлдор пешниҳод намуданд.

Аз ҷониби шӯъбаи ҳуқуқ ва сиёсати кадрҳо дар асоси фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷиикистоназ 25 январи соли 2011, №4-ҲК «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои навбатдорӣ дар қабулгоҳи Вазир», лоиҳаи фармоиши директор ва Қоидаҳои навбатдорӣ таҳия шуда бо фармоиши директори Агентӣ тасдиқ гардид. Мутобиқи «Қоидаҳои навбатдорӣ» аз ҳисоби кормандони Агентӣ дар рӯзҳои истироҳат (шанбе, якшанбе) рӯйхати навбатдорон ва дар рӯзҳои ид рӯйхати шабонарӯзии навбатдорон тартиб дода шуда, дар дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои таркибӣ навбатдорӣ ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади таъмини иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.02.2013 №23.5/10-1 бо мақсади ташкили фаъолияти мунтаззами кор бо кадрҳо, сари вақт ва мустақиман дастраскунии ҳуҷҷатҳо ва воридкунии навгониҳо ба Барномаи электронии «Кадрҳо» корҳо ба роҳ монда шуд. Барои ворид намудани маълумотномаҳои электронии кадрҳо ба сомонаи http//WWW/kadr.tj аз ҷониби шуъба шахси масъул вобаста гардидааст ва айни замон ҳамаи маълумотномаҳои электронии корманддон ба сомонаи мазкур ворид карда шуда кор дар ин самт мунтаззам идома дорад.

Ҳамзамон тайи давраи ҳисоботӣ дар ҳамкорӣ бо лоиҳаи Барномаи дастгирии секторалӣ дар соҳаи иҷтимоии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини иҷрои банди 12 Нақшаи татбиқи Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ лоиҳаи Консепсияи таҷдиди муассисаҳои давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳри Турсунзода» ва Маркази миллии тавонбахшӣ барои кӯдакон ва наврасони «Чорбоғ» таҳияи гардида бо қарори Ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2013 №5 тасдиқ карда шуд.

Дар давраи ҳисоботи дар сохторҳои Агентӣ 4 маротиба озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурӣ гузаронида шуд.

Дар Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират кор бо муроҷиатҳои шаҳрвандон мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон», тибқи талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Вобаста ба ҳамин барои мувофиқакунонии санадҳои доҳилиидоравӣ бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ корҳои ташкили гузаронида шуда, бо Сарраёсати

бойгонии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи нави умумии парвандаҳои коргузорӣ (барои 5 сол) ва Дастурамали коргузорӣ дар Агентӣ мувофиқа гардид.

Дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ ба Агентӣ **545 адад ҳуҷҷат ворид** шуда, хусусияти онҳо чунинанд:

**ба воситаи Вазорат**

- супоришҳои Вазорати мехнат - 172
- супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 54
- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - 10
- мактубҳо аз мамлақатҳои ИДМ, ташкилотҳои байналмилалӣ, сафоратхонаҳо - 12
- фармоишҳои Вазир - 10
- мукотибаи вазорату, идораҳо ва сохторҳои Агентӣ - 134
- мурочиати шаҳрвандон (аризаҳо) - 153

Таҳлили ҳуҷҷатҳои **содиротӣ** нишон дод, ки дар семоҳаи авали соли ҷорӣ Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират 433 **адад** хуҷҷатҳо таҳия ва барои иҷро ба сохторҳои Агентӣ ирсол намудааст,ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2012 чунин аст:

- мукотибаҳои воридотӣ 120 адад кам 81,9 %)
- мукотибаҳои содиротӣ 82 адад кам (84,0 %)

Дар давраи ҳисоботи аз 01.01.2013. то 20.03.2013 ба Агентӣ 153 адад мурочиати хаттии шаҳрвандон ворид шудаанд, ки нисбат ба ҳамин соли 2012 76 ариза (66,8%) кам мебошад.

**Корҳои иттилоотӣ ва робита ба ҷомеа**

Агентӣ дар самти корҳои иттилоотӣ ва робита ба ҷомеа дар давраи ҳисоботи як қатор қатор корҳоро ба анҷом расонид:

Таи ин давра бахшида ба 20 солагии «Рӯзи артимши миллӣ» дар дастгоҳи маркази маҷлиси тантанавӣ бо иштироки кормандон баргузор гардид.

Ҷиҳати ташкил ва баргузории Иди байналмилалии Наврӯз ба Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират барои омода намудани овезаҳо мавод пешниҳод карда шуд.

Бахшида ба Наврӯзи Аҷам матни табрикоту даъватномаҳо таҳия гардида, ба вазорату идораҳо ва ташкилоту созмонҳо дастрас гардонида шуд.

Хамзамон, Фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 январи соли 2012, №5 “Дар бораи табдирҳои иҷрои супориши Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 26 декабри соли 2011, №10/34.2-10 “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, “Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ” ва “Дар бораи танзиму анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (дар соли 2012), ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2011 тасдиқ шуда буд, нақшаи чорабинӣ тасдиқ гардида ба сохторҳои Агентӣ ирсол гардид.

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти Агентӣ ин тариқи шабакаҳои телевизионӣ, радиои ҷумҳурӣ, рӯзномаҳои расмию даврӣ ба роҳ мондани корҳои тарғиботӣ-ташвиқотӣ, баҳри амалӣ намудани хизматрасонии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират мебошад, ки дар иртибот ба ин чунин корҳо ба сомон расонида шудаанд:

Дар ҳамкорӣ бо **шабакаҳои телевизионии** ТВТ-1, “Ҷаҳоннамо”, “Сафина”, “Баҳористон” дар давраи ҳисоботӣ бо ташаббуси шӯъба **15** барномаю гузоришҳои телевизионӣ сабт ва намоиш дода шуд, ки мавзӯъҳои зеринро дар бар мегиранд:

“Оиди фаъолияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират ва нақшаҳо дар соли 2013”; оиди баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ ва бо кор таъмин намудани шаҳрвандони бекор; иҷроиши Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ; ба масъалаҳои бокортаъминкунӣ, квота, корҳои ҷамъиятии музднок; оиди фаъолияти “Литсей-интернати махсуси маъюбон”-и Вазорат дар барномаи **“Тафсир”**.

Бо **шабакаҳои Радио** Тоҷикистон, “Садои Душанбе”, “Имрӯз” ҳамкорӣ намуда, мусоҳибаю барномаҳо мураттаб шуданд, ки мавзӯъҳои зеринро дар бар гирифтанд:

Оиди «Ҳадафи баргузории ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ», оиди амалӣ гаштани Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2013; роҷеъ ба ҳифзи иҷтимоӣ барномаи “Гар дасти фитое бигири...” ва ғайра.

Ба Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пахш намудани эълонҳо дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои ТВТ-1, «Ҷаҳоннамо», «Сафина» ва радиои Тоҷикистон доир ба баргузории ярмаркаи ҷойҳои кори холии соҳавӣ барои маъюбон, соҳаи маориф, омӯзиши малакаи касбӣ мактуб таҳия ва дастрас карда шуд, ки зиёда аз **84 эълони вакансияҳои холӣ** бо сатри равон ҳамарӯза ба корҷӯён ва ниёзмандон пешниҳод гардид.

Мавриди зикр аст, ки дар соли равон Агентӣ ҳамкориро бо шабакаҳои интернетии АМИТ «Ховар», «Азия-плюс», «Тоҷ-news» ва «labour.tj», «Пресса.тҷ», «Озодагон» ва «Имрӯз-нюс» хуб ба роҳ монда, ҷиҳати инъикоси фаъолияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират мунтазам маводҳои иттилоотӣ манзур намуд.

**Дар семоҳаи соли ҷорӣ ба шабакаҳои иттилоотӣ 12** мавод ворид карда шуд, ки мавзӯҳои зеринро дар бар мегирад:

Аз натиҷаи фаъолияти Агентӣ ва иҷрои Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2012; “Кӯмакҳои хайриявӣ ба хонаинтернатҳо дар соли 2012”, «Кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат дар соли 2012», «Муҳоҷирати дохилии аҳолӣ дар соли 2012», «Хизматрасонии иҷтимоӣ ба пиронсолону маъюбон дар марказҳои муваққатӣ дар соли 2012 », “Ҳифзи иҷтимоӣ дар соли 2012”оиди ҷорӣ намудани низоми кӯмакҳои унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истравшан ва Ёвони вилояти Хатлон ва ғайра.

Барои беҳтару самаранок ба роҳ мондани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ Нақша-чорабиниҳо оиди инъикоси фаъолияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар шабакаҳои радио ва телевизионии

ТВТ-1, «Ҷаҳоннамо», «Сафина» таҳия ва ба мақомоти зертобеъ дастрас гардонида шуд.

Мутобиқи маълумоти дастрасшудаи мақомоти зертобеи Агентии давлатӣ маълум гардид, ки дар маҳалҳо низ барои пеш бурдани сиёсати давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират тариқи шабакаҳои ТВ, радио ва рӯзномаҳои даврию расмӣ (дар шабакаҳои маҳаллӣ) маводҳои гуногун омода карда, ба ниёзмандон манзур гардонидаанд. Ҳамчунин дар маҳалҳо баҳри пешбурди сиёсати давлатӣ оиди ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират корҳои тарғиботӣ–ташвиқотӣ мутобиқи имконияту шароитҳо ба роҳ монда шуда, бештар маълумот ва эълонҳоро тавассути тахтаи эълонҳо ва стендҳо ба иттилои шаҳрвандон расонидаанд.

Тибқи маълумоти мақомоти зерсохтори Агентӣ дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳру ноҳияҳо дар самти сиёсати давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират тариқи шабакаҳои ТВ, радио ва рӯзномаҳои даврию расмӣ маводҳои гуногун омода карда, ба ниёзмандон манзур гардонидаанд.

Аз ҳисоботи Сарраёсати Агентӣ дар вилояти Хатлон бармеояд, ки бештари маводи пешниҳод шуда тариқи радио, телевизиони ҷумҳуриявӣ ва рӯзномаҳо асосан мавзӯи ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ; таъсиси ҷойҳои нави корӣ; оиди касбомӯзии шаҳрвандони бекор; дастгирии маъюбон; ҳифзи иҷтимоии маъюбон; вазъи бозори меҳнат; ҷойҳои кори холӣ ва омӯзиши касбӣ, баргузории ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ ва вазифаҳои озод ва ҳамчунин эълонҳо дарҷ гардидааст.

Тибқи маълумоти Сарраёсати Агентии давлатии ҳифзи итимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар вилояти Суғд бо мақсади бештар шинос намудани шаҳрвандон барои баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳли ҷомеа ва дар сатҳи баланд ба роҳ мондани ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ дар се моҳ корҳои муайян ба анҷом расонида шуд. Бо васоити ахбори оммаи сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ ТВТ-1, “Сафина”, «Ҷаҳоннамо”, “Симои мустақили-1”, “Азия”, “Ҷаҳоноро”, “Суғд” ва “Тироз” ва рӯзномаҳои вилоятии “Ҳақиқати Суғд”, “Согдийская правда” ҳамкорӣ намуда, ташкил ва гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ, таъсиси ҷойи кори нав, бо кор таъминкунии шаҳрвандони бекор, додани қарзҳои имтиёзнок ба шаҳрвандоне, ки хоҳиши фаъолияти соҳибкорӣ доранд ва дигар мавзӯъҳо инъикос намудаанд.

Сарраёсати Агентӣ дар шаҳри Душанбе барои пешравии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират таблиғоту ташвиқотро ба воситаи ахбори омма хуб ба роҳ мондаанд. Тавассути шабакаҳои телевизионии ТВТ-1, «Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Пойтахт» ва радиои Тоҷикистон, «Садои Душанбе», «Ватан» сардори Сарраёсат ва сардорони Раёсату шӯъбаҳои Агентии ноҳияҳои тобеи шаҳри Душанбе дар мавзӯи бо ҷойи кори доимӣ ва бозомӯзӣ фаро гирифтани шаҳрвандони бекор, тавассути ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ ба касбомӯзӣ сафарбар намудани корҷӯён, ҳифзи иҷтимоии маъюбон ва собиқадорони ҷангу меҳнат дар мақомоти шуғли аҳолии шаҳри Душанбе, муҳоҷирати расмию ғайрирасмӣ ва моҳияти гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ ва вазифаҳои озод эълонҳо, баромаду мусоҳибаҳоро анҷом доданд.

Дар заминаи ҳисоботҳои дар ин марҳила ба дастрасида маълум мешавад, ки дар маҳалҳо низ баҳри пеш бурди сиёсати давлатӣ оиди ҳифзи иҷтимоӣ,

шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират корҳои тарғиботӣ–ташвиқотӣ мутобиқи имконияту шароитҳо ба роҳ монда шуда, бештар маълумот ва эълонҳоро тавассути тахтаи эълонҳо ва стендҳо ба иттилои шаҳрвандон расонидаанд. Ин тарзи кор дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Ҳисор, Варзоб, Рӯдакӣ, Турсунзода, Нуробод, бештар мушоҳида карда мешавад.

Шӯъбаи Агентӣ дар ноҳияи Ҷиргатол аз шароиту имкониятҳои мавҷуда истифода бурда кормандон мунтазам дар маҳалҳо бо аҳолии ноҳия вохӯриву сӯҳбатҳо доир намуда, дар мавзӯъҳои ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон, шуғли аҳолӣ, муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) ва дигар самтҳои шуғл корҳои фаҳмондадиҳиро пеш бурда истодаанд. Нисбати раванди муҳоҷирати дохилӣ (ихтиёрӣ) дар барномаҳои иттилоотии шабакаҳои телевизионии ТВТ-1, “Сафина”, “Ҷаҳоннамо”, ҳамчунин шабакаи радио маводҳо пешниҳод намуд.

Раёсати Агентӣ дар шаҳри Ваҳдат дар се моҳи соли равон ба корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ диққати ҷиддӣ додааст. Ҳамкориро бо телевизион, радио бештар ба роҳ монда, дар рӯзномаи минтақавии “Шаҳриёр”маводҳоро дар мавзӯъҳои бо кори доимӣ таъмин намудани бекорон, оиди ташкили ярмаркаҳои ҷойҳои кори холӣ, ба чоп расондааст.

**Самти хоҷагидорӣ**

Агентӣ фаъолияташро дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ оиди иҷрои вазифаҳо ва функсияҳои ба зиммадошта, ба роҳ монда як қатор корҳоро ба анҷом расонида дар ин давра маблағи истифодаи об, барқ, ва хизматрасонии алоқа пардохт карда шуд.

Маводҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти Агентӣ тақсим карда шуд.

Фармоиши директори Агентӣ оиди мунтазам ва самарабахш гузаронидани тирамоҳу- зимистони соли 2012-2013 дар мақомоти Агентӣ ва муассисаҳои статсионарӣ зери назорати доими қарор дода шуд.

Оиди бехатарии қоидаҳои сӯхтор дар мақомоти Агентӣ ва зерсохторҳои он аз тарафи кормандони Агентӣ маслиҳатҳо ва тавсияҳои амалию методӣ расонида шуд.

Дар асоси фармоиши Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2013, №55 оиди аз этибор соқит намудани таҷизотҳои куҳнаю фарсуда, фармоиши директори Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират аз 15-марти соли 2013, №18 таҳия шуда, 53-номгуйи таҷизотҳои куҳнаю фарсудаи дастгоҳи марказӣ ва зерсохторҳо барои аз эътибор соқит кардан розиги дода шуд.

Дар самти касбомӯзӣ бошад муассисаиҳои таълимӣ ба шаҳдатнома ва Раёсату шуъбаҳои Агентӣ бо роҳхат таъмин карда шуд, ки ин роҳхатҳо ва шаҳодатномаҳо ба тарзи ройгон ба касбомӯзон дода мешаванд.

Дар асоси маълумотҳои пешниҳодгардида аз мақомотҳои Агентӣ оиди маъракаи ниҳолшинонӣ як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд.

Аз ҷумла:

Мақомоти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ,шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар вилояти Хатлон 151-ниҳоли сояафкан, 94-ниҳоли ороиши, 153-ниҳоли мевадиҳанди ва 166 гулу бутта, дар агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ,шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар вилояти Суғд 222-ниҳоли сояафкан, 20-ниҳоли

ороиши,162-ниҳоли мевадиҳанди ва 175 гулу бутта, дар шуъбаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ,шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар шаҳри Ваҳдат 10-ниҳоли сояафкан ва 58 ниҳоли мевадиҳанда, дар шуъбаи Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ноҳияи Варзоб 50-ниҳоли ороиши, дар шуъбаи агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ,шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират дар ноҳияи Шаҳринав 30-ниҳоли мевадиҳанда, 28-ниҳоли сояафкан, 36-гулу бутта, МД «Маркази Таълимии Калонсолони Тоҷикистон»100кг-юнучка,13кг-газон, Маркази модулӣ 10-ниҳоли ороишӣ,Марказӣ «Роҳнамои касбӣ» 10-ниҳоли ороишӣ, хона-интернати каслиҳои рӯҳии ноҳияи Ҳисор 55 – ниҳоли сояафкан, 35-ниҳоли ороишӣ, 60-ниҳоли мевадиҳанда ва 100-каламчаи гулу бутта, хона интернати касалиҳои руҳии ноҳияи Восеъ 200-каламчаи сафедор, 55-ниҳоли ороишӣ, 60-ниҳоли мевадиҳонда ва 450-каламчаи гулу бутта, осоишгоҳи «Дустӣ». 326 ниҳоли мевадиҳанда, МД Осоишгоҳи собиқадорони ҷангу меҳнати «Харангон» 81-ниҳоли мевадиҳонда, 53-ниҳоли ороишӣ, 824-каламчаи гуногун. КВД Заводи протезию ортипедииии ш. Душанбе 40-ниҳоли мевадиҳанда. МД «Литсей- интернати касбии махсуси маъюбон» 20-ниҳоли мевадиҳанда, 10-ниҳоли сояафкан, 40-гулҳои ороишӣ. Инчунин 145 ниҳоли ороишӣ  аз ҷониби дастгоҳи марказии Агентӣ  шинонида шудааст.

Ҳамагӣ то имруз аз ҷониби дастгоҳи марказӣ Агентӣ ва зерсохторҳои он 476 ниҳоли сояафкан, 472-ниҳоли ороишӣ, 990-ниҳоли мевадиҳанда, 976 -  гулу бута ва 1024 каламчаҳои гуногун шинонда шудааст. Инчунин 100 кг юнучқа ва 13кг-газан кишт карда шуд.

Дар рӯзҳои шанбегӣ ҳама фаъолона ба шанбегиҳо баромада барои ободу зебо гардонидани гирду атрофи биноҳо, тоза кардани ҷӯйбору роҳравҳо саҳм гузошта истодаанд.

**Директори Агентӣ** **Н. Маҳмадуллоев**